# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Рушди бемайлон ва босуботи соҳаҳои иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар, татбики бемайлони «иқтисодиёти сабз» дар самти ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи роҳандозии тадбирҳои воқеӣ ва амалӣ, аз ҷумла таҳия ва татбиқи силсилаи санадҳои меъёрии соҳавӣ ба монанди стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии маҷмӯавии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра амалӣ, гардида истодаанд. Дар ин замина, эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» аз тадбирҳои муҳим дар татбиқи ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар ба ҳисоб рафта, ба боло бардошта шудани сатҳу сифати таълиму тарбия, густариш ва пешрафти самтҳои мубрами илми ватанӣ мусоидат менамояд.

Чӣ хеле, ки аз автореферати диссертатсия бармеояд, он аз ду боб, ки ҳар боб аз чор фасл, хулосаи бобҳои алоҳида, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, диссертант дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии проблема, мавҷудияти муаммо ва ихтилоф, объект, мавзӯъ ва ҳадаф, вазифаи таҳқиқот, инчунин ғояи пешбар, асоси методологӣ, сарчашма ва методҳои истифодашудаи таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимоди ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро зикр намудааст.

Дар боби аввал - «Масъалаҳои назария ва амалияи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология дар раванди таълимии мактаби олӣ» унвон дошта, доир ба масъалаи пайдоиш, ташаккул ва мубрамияти мафҳуми фарҳанги экологӣ ҳамчун самти муҳими илми муосир, ки дар ҳоли ташаккул қарор дошта, бо вуҷуди анҷом ёфтани бархе таҳқиқот масъалаи муҳтавои фарҳанги экологии омӯзгор то кунун бояду шояд ва фарогир таҳқиқ нашудааст, бахшида шудааст. Дар ин маврид дуруст қайд мешавад, ки «фарҳанги экологӣ чун сифати шахсият дар худ

ҷаҳоншинохт ва тафаккури экологӣ, низоми дониш, арзиш, эҳсос, меъёр ва қоидаҳои экологӣ, ҳамчунин тартиби фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экологияро дар муҳити иҷтимоию табиӣ дарбар мегирад. Сохтори фарҳанги экологии омӯзгор ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумӣ қисмҳои зеринро дар бар мегирад: маърифатӣ, меъёрӣ-арзишӣ, маънавию ахлоқӣ, эҳсосӣ-иродавӣ, фаъолиятӣ.

Боби дуюми рисола, тавре аз автореферати кор бармеояд, оид ба «Шартҳои дидактикии баланд бардоштани самарабахшии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорониояндаи технология» нақл намуда, муаллиф ба натиҷа мерасад, ки сатҳи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянда - хатмкунандагони факултетҳои технология ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намебошад. Аз ин рӯ, масъалаи коркард ва санҷиши таҷрибавии фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар равияи технология дар доираи таълими омилҳои таъсири мутақобилаи табиат, ҷамъият ва инсон ба миён гузошта мешавад, ки аз манфиат холӣ намебошад.

Дар ин замина дуруст пешниҳод мешавад, ки мундариҷаи курс бояд ба таълими дарки низоми яклухти олами атроф ва умуман табиат, ки инсонро бо маҷмӯи масоили иҷтимоию табиӣ фаро мегирад, нигаронида шавад. Дар ин замина, таснифоти корҳои лоиҳавӣ, ҳамчун натиҷаи таҷрибаҳои бо корбурди методикаҳои мубрами соҳа ҳосилшуда ба монанди методикаи «Эзоп», методикаи «Доминанта» ва ғайра илман асоснок шудаанд, ки арзиши кори анҷомёфтаро бештар месозад. Натиҷаҳои ҳосилшуда дар шакли диаграмма ва ҷадвалҳои мушаххас, ки раванди таҷрибаи озмоиширо инъикос карда тавонистаанд, пешниҳод шудаанд. Тавассути корбурди формулаҳои алоҳидаи математикӣ нишондиҳандаҳои мушаххас ҳосил гардида, ба таври графикӣ амсилаи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгориояндаи технология (таълими меҳнат) дар шароити таълими муассисаи олӣ сохта шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқ дар қисмати хулоса пешниҳод гардида, ҷанбаи назарӣ ва амалии кори анҷомёфтаро фарогир мебошад. Мақолаҳои доир ба мавзӯи мазкур то ҳол интишорёфта муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар гирифтаанд.

Автореферати диссертатсияи Исматдинов Алишер Муҳамадович таҳти унвони «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология» (таълими меҳнат) кори анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор аст.

Доктори илмҳои техникӣ, профессор,
директори Филиали Агентии амнияти химиявӣ,
биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
дар вилояти Суғд Назаров Холмурод Марипович

Имзои д.и.т., профессор Назаров Х.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрии Филиали Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ А.Адҳамов


***Маълумот барои тамос:***
адрес: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Бӯстон, кӯчаи Б.Ғафуров. 1а
телефон: (+992) 918-67-64-44 (мобилӣ), E-mail: holmurod18@mail.ru